# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба таҳқиқи диссертатсионии Исвалиев Сино Мирзоназарович дар мавзуи «Таъсири bacillus subtilis ба зоҳиршавии аксуламали ғайрихоси аллергии туберкулинӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯйи ихтисоси 4.3.2. Микробиологияи ветеринарӣ (вирусшиносӣ, эпизоотология, занбӯруғшиносӣ бо захрзанбӯруғшиносӣ, масуниятшиносӣ) пешниҳод шудааст**

Мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ дар он инъикос меёбад, ки айни замон дар мавриди мубориза бо бемории сили ҳайвонот яке аз тадбирҳои асосии пешгирикунанда ва беҳдоштии он ташхиси ин беморӣ муҳим боқӣ мемонад. Дар мавриди ташхиси бемории сили чорвои калони шохдор усули асосӣ, оммавӣ ва аз ҷониби умум қабулгардида санҷиши дохилипӯстӣ бо истифодаи СХТ – туберкулин барои ширхӯрон ба шумор меравад. Яке аз масъалаҳои муҳим ҳангоми ташхиси бемории сил санҷиши туберкулинии дохилипӯстии туберкулинӣ, ва аксуламалҳои ғайрихос нисбат ба туберкулин ба шумор меравад.

Исвалиев Сино Мирзоназарович аз соли 2009 ҳамчун аспиранти кафедраи микробиология ва эпизоотология ва омӯзгори калони кафедраи анатомия ва гистологияи факултети тибби ветеринарии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур фаъолияти илмӣ мебарад. Ӯ соли 2008 факултети тибби ветеринарии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемурро бо ихтисоси духтури «Тибби ветеринарӣ» бо дипломи маълумоти олӣ хатм намудааст.

Аз рӯзҳои аввалини таҳсил дар аспирантура, Исвалиев С.М. қобилияти баланди таҳқиқотӣ, масъулиятшиносӣ ва фаъолона иштирок кардан дар корҳои илмию амалиро нишон дод. Ӯ мавзуи муҳими илмии марбут ба омӯзиши хусусиятҳо ва зуҳуроти бемории маъмулу хавфноки сироятӣ-бемории сил дар чорвои калони шохдор, мукаммал намудани ташхиси тафриқии ин беморӣ, истифода таъсири пахшнамоии ҳайлҳои Bacillus subtilis ба зоҳиршавии аксуламали ғайрихоси аллергии туберкулинӣ, таҳқиқоти васеъ ва амиқро анҷом дод.

Диссертатсияи муаллиф аз муқаддима, 4 боб, хулоса ва тавсияҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Дар муқаддима аҳаммияти мавзуи тадқиқоти диссертатсионӣ асоснок ва дараҷаи омӯзиши масъала, мавзуъ ва объекти тадқиқот, мақсад ва вазифаҳо, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, навоварии илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалии рисола инъикос ёфтааст.

Дар боби якум таҳлилу тавсифи шарҳи адабиётҳои илмӣ нишон медиҳад, ки дар этиологияи аксуламалҳои аллергӣ дар мавриди истифодаи СХТ-туберкулин дар ЧКШ M. tubercullosisi avium ва M. paratubercullosis нақши муҳим мебозанд. Қайд кардан ба маврид аст, ки микобактерияҳои ғайрисилӣ ва сапрофитҳо ҳамчунин сабаби сенсибилишавии чорвои калони

шохдор нисбат ба туберкулин ва ба миён омадани аксуламалҳои ғайрихоси туберкулинӣ ба шумор мераванд.

Омӯзиши усулҳои гуногуни ташхиси бемории сил, ҳамчунин муқаррар намудани табиати аксуламалҳои ғайрихоси аллергии ҳайвоноти солим, зоҳир намудани хусусиятҳои пахшкунандаи Bacillus subtilis дар динамикаи паст рафтани аксуламалҳои ғайрихоси аллергӣ нисбат ба туберкулин иборат мебошад, ки қаблан дар Тоҷикистон омӯхтаву таҳқиқ нашудааст.

Дар боби дуюм мавод ва усули тадқиқот, маҷмӯи усулҳо истифодашуда, аз ҷумла санҷиши аллергии симултанӣ, сирояткунии таҷрибавӣ бо штаммҳои маҳаллии микобактерияҳои ғайрисилӣ, таҳлили клиникӣ-патологоанатомӣ ва арзёбии фаъолияти пробиотикҳо - имкон фароҳам овардашудааст, ки хусусиятҳои сенсибилизатсионии микобактерияҳои ғайрисилӣ дар шароити Тоҷикистон бо эътимоднокии баланд муайян карда шудааст. Тақсимбандии ҳайвонот ба гурӯҳҳои таҷрибавӣ ва назоратӣ, инчунин интихоби дақиқи намудҳои микобактерияҳо (M. phlei, M. smegmatis, M. fortuitum) имкони омӯзиши фарқияти аксуламалҳои аллергӣ ва муайян намудани давомнокии сенсибилизатсияро ба вуҷуд овард.

Дар боби сеюм натиҷаҳои тадқиқот дар хоҷагиҳои гуногуни ҷумҳурӣ нишон доданд, ки қисми зиёди вокунишҳои мусбат дар подаҳо (то 80,9%) бо микобактерияҳои ғайрисилӣ иртибот доранд, на бо бемории сил. Бо истифодаи санҷиши аллергии симултанӣ муайян карда шуд, ки танҳо 41%-и пода натиҷаи равшан ва боварибахш медиҳанд, дар ҳоле ки 59%-и ҳолатҳо номуайян боқӣ мемонанд, ки ин зарурати такмил ва идомаи тадқиқотҳои дифференсиалиро дар ҳайвонот тақозо мекунад.

Дар боби чорум баррасии натиҷаҳои тадқиқот омӯзиши микобактерияҳои ғайрисилӣ ва усулҳои ташхиси тафриқавии онҳо зарурияти рушди усулҳои нави ташхисӣ ва пешгирикуниро тақозо мекунад. Истифодаи пробиотикҳои Bacillus subtilis имконияти пешгирии сироятҳои микобактериявӣ ва баланд бардоштани масунияти ҳайвонотро фароҳам меорад.

Таҳқиқоти гузаронида дар давоми солҳои 2009-2022 дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон натиҷаҳои муҳими илмӣ ва амалӣ дар бораи вазъи эпизоотӣ нисбат ба сили чорвои калони шохдор (ЧКШ) ва пайвастагии он бо вазъи эпидемиологии сили одамон ба даст оварда ин натиҷаҳо заминаи мантиқии барои таҳияи усулҳои нави ташхиси тафриқавӣ ва пешгириро фароҳам овард. Бо вуҷуди ин, дар ҷараёни санҷишҳои нақшавии даврӣ ҳайвоноти ба туберкулин вокунишнишондиҳанда ба қайд гирифта мешаванд, аммо ташхиси байторию беҳдоштӣ ва тадқиқоти озмоишгоҳӣ мавҷудияти бемории силро тасдиқ намекунад.

Дар хулосаҳо ва тавсияҳо, истифодаи амалии натиҷаҳои тадқиқот пешниҳод гардидаанд.

Нуқтаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ-методӣ ва таҳлилӣ мустаҳкам карда шудаанд. Муҳтавои асосии диссертатсия дар баромадҳои муаллиф дар конфронсҳои сатҳи гуногун ва мақолаҳои илмӣ нашр гардидаанд.

Дар асоси маводи диссертатсия 20 мақолаи илмӣ ба табъ расонида шудааст, ки аз онҳо 5-тоаш дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд. Илова бар ин, ӯ 2 тавсияи методиро таҳия намудааст, ки онҳо аз ҷониби Раёсати Кумитаи бехатарии озуқавории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шуда, дар хоҷагиҳои чорводории ҷумҳурӣ татбиқ шуда истодаанд.

Хулоса, диссертатсияи Исвалиев Сино Мирзоназарович дар мавзуи «Таъсири Bacillus subtilis ба зоҳиршавии аксуламали ғайрихоси аллергии туберкулинӣ» ба талаботи Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 31 марти соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 31 марти соли 2023, №3 ҷавобгӯ буда , ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯйи ихтисоси 4.3.2. Микробиологияи ветеринарӣ (вирусшиносӣ, эпизоотология, занбӯруғшиносӣ бо захрзанбӯруғшиносӣ, масуниятшиносӣ) барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ:**
Доктори илмҳои биологӣ Раҳматзода Н.Р.
«28» 03 с.2026

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи А.Сино, хонаи 130/2, ҳуҷраи 51
Тел: +992988218888;907673772
Email: Nahtullo1970@mail.ru
Имзои *Раҳматзода Н.Р.* - ро тасдиқ мекунам.

Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва кадрҳо Қурбонзода А.Х.

**Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 146
Tel./Fax.: (992-372) 24 72-07
E-Mail.: rectortau31@mail.ru

«28» 03 с.2026